**Хулосаи**

**Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D. КОА-011-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар робита ба қабули диссертатсияи Сиддиқзода Шаҳриёр Мулозулфон “Татбиқи ҳисоби операционӣ дар ҳалли баъзе синфҳои муодилаҳои дифференсиалӣ ва интегро-дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D060100 – Математика: 6D060103 - Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ**

Диссертатсияи мазкур аҳамияти назариявӣ дорад ва он ба татбиқи табдилоти интегралии Лаплас-Карсони функсияҳои дутағирёбанда барои пайдо кардани ҳалли ошкори муодилаҳои дифференсиалӣ ва интегро-дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ бахшида шудааст. Масъалаҳои ибтидоӣ-канорӣ барои муодилаи ғайриякҷинсаи транспорт, муодилаи дифференсиалии телеграф, муодилаи интегро-дифференсиалии телеграф ва муодилаи Фучита бо ҳосилаи тартиби касри аз рӯи вақт мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Класси ядроҳои дар муодилаи интегро-дифференсиалии телеграф ва муодилаи Фучита баррасишуда бори аввал оварда мешаванд. Ҳолатҳои хусусие, ки пештар таҳқиқ карда шудаанд хеле содда ба назар мерасанд.

**Комиссия қайд мекунад, ки:**

i. мавзӯъ ва мазмуни диссертатсия ба паспорти ихтисоси 6D060103 - Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ мувофиқат мекунад;
ii. автореферати диссертатсия мӯҳтавои кӯтоҳи диссертатсияи пешниҳодшударо пурра инъикос мекунад;
iii. кори диссертатсионӣ дар чорчӯбаи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи анализи математикии Донишгоҳи давлатии

омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба иҷро расонида шудааст;

iv. натиҷаҳои таҳқиқоти дар диссертатсия овардашуда дар шакли 10 кори илмӣ чоп карда шудаанд, ки аз онҳо 4-тоашон дар журналҳои ба руйхати аз тарафи КОА-и назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида дохил мешаванд;

v. дар диссертатсия ба сарчашмаҳои илмӣ, ки аз онҳо дар рафти таҳқиқот истифода бурда шудааст, иқтибосҳои дуруст оварда шудааст;

vi. натиҷаҳои илмии дигар олимон, ки ба мавзӯи диссертатсия наздикӣ доранд, ба таври муфассал таҳлил карда шудааст.

Диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя аз рӯи ихтисоси 6D060100 – Математика: 6D060103 - Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-011-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод кардан мумкин аст.

Дар шӯрои диссертатсионии номбурда 6 нафар докторони илм: М. И. Илолов, Н. Раҷабов, Г. Ҷангибеков, О. Каримов, С. Байзоев ва Ф. Шамсиддинов аъзо ҳастанд ва ҳамаи онҳо мутахассисони аз рӯи самти диссертатсия пешниҳодшаванда мебошанд.

**Комиссияи эксперти пешниҳод мекунад:**

1) Ба диссертатсияи мазкур ба сифати муассисаи пешбар Институти математика ба номи А. Ҷураеви Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.
2) Ба сифати муқарризони расмӣ шахсони зерин пешниҳод карда шаванд:

–**Муҳсинов Ёдгор Мирзоевич** доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи фанҳои риёзӣ ва табиатшиносии муосири

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**–Қозиев Гулназар Мавлонназарович** номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи риёзиёт дар иқтисодиёт-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон

Дар асоси гуфтаҳои боло комиссияи эксперти чунин меҳисобад, ки рисолаи диссертатсионии Сиддиқзода Шаҳриёр Мулозулфон “Татбиқи ҳисоби оператсионӣ дар ҳалли баъзе синфҳои муодилаҳои дифференсиалӣ ва интегро-дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D060100 – Математика: 6D060103 - Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ ба самти Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-011-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пурра мувофиқ буда, он барои ҳимоя тавсия карда шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои физикаю математика,
профессор — Ҷ.С. Сафаров

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

номзади илмҳои физикаю математика,
дотсент — С.С. Солиев

номзади илмҳои физикаю математика,
дотсент — Б. Шоимқулов

Имзои Сафаров Ҷ. – ро тасдиқ мекунад:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДБ ба номи Н. Хусрав — М.М. Наҷмидинов

Имзои Солиев С.С. ва Шоимқулов Б. – ро тасдиқ мекунад:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ — Э.Ш. Шодихонзода

10-02-26